بسم الله الرحمن الرحيم

БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН

# ГУЗИДАИ
# ТУҲАФ-УЛ-УҚУЛ

## Ибни Шўъбаи Ҳарронӣ

Тарҷумон:

**Абдулҳаким Камолӣ**

**Муовинати Пажӯҳиш**

**Номи китоб: Гузидаи** Туҳаф-ул-уқул
**Нависанда:** Ибни Шӯъбаи Ҳарронӣ
**Гирдоварӣ:** Маркази Таҳқиқотии Дорул-Ҳадис
**Тарҷумон:** Абдулҳаким Камолӣ
**Тираж:** 2000
**Навбати чоп:** Аввал, 2007
**Нарх:** Шартномавӣ
**ISBN:** 978-964-8961-77-5
**Ношир:** Интишороти Маркази Ҷаҳонии Улуми Исломӣ, Эрон, Қум, хиёбони Баҳор, фурӯшгоҳи Интишороти Маркази Ҷаҳонии Улуми Исломӣ
**Телефакс:** +98 251 7749857
**Website:** www.eshraaq.com
**Email:** public-reations@Qomicis.com
© Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз аст

## Муқаддимаи ношир

Ҳадис дуввумин масдари ташреъ аст, ки пас аз Қуръони Карим бештарин нақшро дар пайрезии маорифу аҳкоми динӣ ва шаклгириву боландагии улуми исломӣ ифо кардааст.

Талоши олимон, муҳаддисон ва ҳофизони ҳадис дар тӯли таърихи Ислом дархӯри тақдиру такрим аст. Он бузургворон ранҷи фаровони сабту ҳифзи ҳадис ва  танзиму табвиби онро бар худ ҳамвор сохтанд ва дар ҳиросату нигаҳдории ин мероси гаронқадри нубувват ва имомат кӯшиданд.

Густардагии аҳодису ривоёт ва ҳамсон набудани ниёзи муҳаққиқону мухотабони ҳадис, муҳаддисонро бар он водошт, ки то дар канори фароҳам овардани маҷмӯаҳои бузурги ҳадисӣ, ба арзаи ҳадис дар қолибу шакли навине рӯй оваранд, ки китоби «Гузидаи Туҳаф-ул-уқул» самари ин рӯйкард аст.

Оқои Абдулҳаким Камолӣ аз донишомӯхтагони Ҳавзаи Илмияи Қум, китоби «Гузидаи Туҳаф-ул-уқул»-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудаанд, ки аз эшон ва дигар фарзонагон, ки дар ба самар расидани ин асар базли иноят kарданд, қадрдонӣ карда ва давоми тавфиқоташонро аз Худованди Мутаол хоҳонем.

**Маркази Ҷаҳонии Улуми Исломӣ**
**Муовинати Пажӯҳиши**

# Мундариҷа

**Муқаддимаи ношир** ...................................................................................3
**Даромад** ...........................................................................................................7
Аҳдофи маҷмӯа ................................................................................. 7
Вижагиҳои маҷмӯа ............................................................................ 8
**Муқаддима** .......................................................................................................11
Муаллиф ........................................................................................... 11
Осори вай........................................................................................... 12
Вижагиҳои китоб ............................................................................. 12
Ҷойгоҳи «Туҳаф-ул-уқул»................................................................ 13
Китобшинохт.................................................................................... 14
а) Матн.............................................................................................. 14
б) Тарҷума......................................................................................... 15
Дар бораи гузидаи ҳозир................................................................. 15
**1. Суханони Паёмбар (с)** .........................................................................17
**2. Суханони Имом Алӣ (а)**.......................................................................22
**3. Суханони Имом Ҳасан (а)** ...................................................................26
**4. Суханони Имом Ҳусайн (а)** .................................................................28
**5. Суханони Имом Саҷҷод (а)**..................................................................31
**6. Суханони Имом Боқир (а)** ....................................................................34
**7. Суханони Имом Содиқ (а)** ....................................................................38
**8. Суханони Имом Козим (а)**....................................................................43
**9. Суханони Имом Ризо (а)** ......................................................................46
**10. Суханони Имом Ҷавод (а)** ..................................................................48
**11. Суханони Имом Ҳодӣ (а)**.....................................................................50

**12. Суханони Имом Аскарӣ (а)....................................................................52**
**13. Суханони Худованд бо Ҳазрати Мӯсо (а)..................................54**
**14. Суханони Худованд бо ҳазрати Исо (а) ....................................56**
**15. Суханони Ҳазрати Исо (а)................................................................58**
**Намояи мавзӯӣ ...........................................................................................62**
**Китобнома ..................................................................................................79**

# Даромад

## Аҳдофи маҷмӯа

Суннати маъсумон (а) мероси шарифи имону фазилат барои инсонҳои ҳақиқатталаб аст ва ҷоми ҷони муштоқонро аз шароби ҷонфазои маънавияту ҳикмат саршор мекунад. Ҳақҷӯёну худоталабон, ҳамвора дар равшаноии қудсии сухани маъсумон (а) ба покиҳо ва некиҳои ҷовидон, роҳ бурдаанд. Бар хони густардаи «фармудаҳои маъсумон» ҳам фарзонагон таоми доноӣ хӯрдаанд ва ҳам кӯтоҳдастон резахорӣ кардаанд. Ва чунин аст, ки мебинем суннат, пас аз каломи рӯҳонии ваҳй, ба унвони дуввумин манбаи динии мусулмонон, саҳми бузурге дар тавсифи ҳақиқати дин ва боландагиву шукӯҳи улуми исломӣ доштааст.

Бо вуҷуди ниёзи фазояндаи инсони муосир ба маънавияту ахлоқ ва низ ба рағми он ки ҳамагон пазируфтаем, ки аҳодис аз, ҷумла мутуни асосии дин аст, аммо он чунон ки сазовор аст, ба он иқбол нашуда ва дар арзаи равшангарона ва фарогири он ба насли нав, талоши шоистае ба зуҳур нарасидааст.

Аз сӯи дигар, пурбарг будани осори ривоӣ ва зуҳур порае аз матолиби заиф ва ғайри асрӣ дар онҳо ва низ дар дастрас набудани тарҷумаи форсӣ ва ё тарҷумаи имрӯзин, аз бархе аз ин мутун, гурӯҳеро, ки толиби китобҳои гузида

ва санҷидаанд, аз мутолиаи онҳо боздоштааст.

Бешак, рафъи нуқсонҳои пешгуфта, бо баҳрагирӣ аз қолибҳои навин, метавонад беш аз пеш ба густариши фарҳанги ҳадисӣ дар миёни умум ёрӣ расонад. Қолаби "гузидаи мутун", ки дар мавзӯоти дигар (монанди адабиёт), таҷрибаи некӯеро фароҳам оварда, қолиби муносибе барои интишори маҷмӯаҳои ҳадисӣ аст, гарчи то кунун аз ин қолиб дар арзаи мутуни динӣ камтар барои умум суд ҷуста шудааст.

Ин қолиб, ҳамчунин даромаде аст барои ошноии комилтар бо маорифи Аҳли Байт (а) ва метавонад пас аз барангехтани иштиёқи аввалияи мухотабон барои пайгирӣ ва фаҳми ин маориф, дар марҳалаи пасин, ононро ба истифодаҳои фарогиртаре раҳнамун шавад. Ин маҷмӯа низ ба ҳамин ният ва дар чунин қолибе тадвин шудааст. Умед аст дар канори талошҳои дигар барои тасҳеҳ ва эҳёи мутуни ҳадисӣ, ин маҷмӯа битавонад бо шиносондани мутуни ҳадисӣ ва падидоварандагони онҳо, мадхале барои вуруд ба асли ин осор бошад.

## Вижагиҳои маҷмӯа

Муҳимтарин вижагиҳои ин маҷмӯаро метавон чунин баршумурд:

1.Шомили гузидаи муҳимтарин мутуни ҳадисӣ аст;

2.Дар гузидасозӣ тартиби таърихии осор мавриди назар набуда аст ва ба тадриҷ муҳимтарин маҷмӯаҳои ҳадисӣ, аз кӯҳантарини онҳо то асри ҳозир, гузида хоҳанд шуд;

3.Ҳаҷми ҳар китоб ва тарҷумаи он, байни сад то дусад саҳифа аст;

4.Ҳамаи гузидаҳо дар қатъу тарҳи яксоне арза мешаванд;

5.Ҳар гузида шомили муқаддима, матн ва намоя аст: Муқаддима, ба ихтисор дарбардорандаи иттилооте дар бораи зиндагонии падидоварандаи китоб, ҷойгоҳи илмии ӯ ва гузорише аз мӯҳтавои китоб ва тарсими ҷойгоҳи он дар миёни мутуни ҳадисӣ аст. Матн, шомили аҳодиси баргузида, ҳамроҳ бо эъроб ва тарҷума ва дар сурати ниёз,

бо шарҳ аст. Дар намоя, феҳрести мавзӯии комиле дар поёни ҳар маҷмӯа ироа мешавад, ки бо руҷӯъ ба он метавон ба сурати мавзӯӣ ба аҳодис даст ёфт;

6.Манобеи аҳодис, ҳаттал-имкон, шиносоӣ шуда ва дар охири китоб оварда шудааст, ҷуз дар мутуне, ки аз масодири аслӣ ба шумор меоянд;

7.Дар гузидаҳо, ҳаттал-имкон тартиби матолиб риоят мешавад. Дар мавориде, ки сохтори ҷадиде дар назар гирифта шавад, дар муқаддима ба он тасреҳ мешавад;

8.Дар интихоби аҳодис, ҳаттал-имкон меъёрҳои зайл дар назар будааст:

а) Умум ба он ниёзманд бошанд;

б) Кӯтоҳ, гӯё ва корбурдӣ бошад;

в) Нозир ба яке аз масоили эътиқодӣ, ибодӣ, ахлоқӣ, тарбиятӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва... бошад, умед ба зиндагиро афзоиш диҳад ва макорими ахлоқӣ ва усули инсониро тақвият кунад.

9.Саъй шудааст, то дар тарҷумаи аҳодис, насри меъёр риоят шавад;

Умед аст ин маҷмӯа битавонад даричаи кӯчаке ба ҷаҳони пурфурӯғи суханони Хонадони Нур (а) бошад ва алоқамандонро бо фарҳанги ҳадисӣ ошно созад.

**Ҳодии Раббонӣ**
**Муовинати иттилоърасонии**
**Маркази Таҳқиқотии Дорул-Ҳадис**